Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__»___ соли 2015, №__
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## намунавии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи намунавии мазкур мақсад, вазифа ва тартиби татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2.Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатҳои хориҷӣ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад.

3.Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Низомномаи мазкур истифода мешаванд:

***Тақвими академӣ (Academic Calendar)***- ҷадвали раванди таълимиест, ки дар он давраҳои ташкил ва гузаронидани ҳафтаи дастурдиҳӣ дар оғози ҳар соли нави таҳсил (муаррифии фанҳои ҳатмӣ ва интихобии таълимӣ, бақайдгирии донишҷӯён), ҳафтаҳои таълими назариявӣ, муайян намудани рейтингҳои 1 ва 2 дар ҳар як даври академӣ (семестрҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ), сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона), таҷрибаомӯзиҳо, триместр ва таътил (зимистона ва тобистона) дар соли таҳсил бо нишон додани рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ меёбанд.

***Даври академӣ (Academic Term)***- даври муайяни таҳсил, ки аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мегардад. Миқдори ҳафтаҳои таълими назариявӣ дар як даври академӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ то 16 ҳафтаро дар бар мегирад.

***Қарзи академӣ (Academic Backlog)***- мавҷудияти фанҳои дар нақшаи таълимии самт (ихтисос) дарҷёфтае, ки донишҷӯ аз онҳо баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст.

***Фарқияти академӣ (Academic Difference)***- мавҷудияти фанҳои дар накшаи таълимии самт (ихтисос) дарҷёфтае, ки донишҷӯ онҳоро наомӯхтааст.

***Озодии академӣ*** - маҷмӯи салоҳиятҳои субъектҳои раванди таълим мебошад, ки ба онҳо имконияти мустақилона муайян намудани мазмун ва мундариҷаи таҳсилотро аз фанҳои интихобӣ, шаклҳои иловагии таълим ва ташкили фаъолияти таълимӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди эҷодии донишҷӯён, омӯзгорон ва истифодаи технология ва усулҳои инноватсионии таълимро медиҳад.

***Сафарбаршавии академӣ (Academic Mobility)***- ивази муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои таҳсил дар давраи муайян (як даври академӣ, соли таҳсил) ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбии дохил ё хориҷи кишвар бо шарти баробарарзиш донистани кредитҳои тибқи барномаи таълимӣ дар муассисаи таълимии худ соҳибгашта.

***Дараҷаи академӣ (Academic Degree)*** - дараҷаест, ки хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз пурра азхуд намудани барномаи таълимии зинаи муайяни таҳсилот ба он ноил мегардад.

***Бакалавриат (Undergraduet Study)*** - барномаи таҳсилоти олии касбии пурраест, ки хатмкунандагони ин зинаи таҳсилот ба дараҷаи академии бакалавр ноил мегарданд.

***Магистратура (Master's Degree Programme)*** - барномаи таҳсилоти олии касбии мутахассисони баландихтисос ва илмию омӯзгориест, ки хатмкунандагони ин зинаи таҳсилот пас аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи академии магистр ноил мегарданд.

***Докторантура (PhD)*** - барномаи пас аз таҳсилоти олии касбиест, ки хатмкунандагони он баъд аз дифои рисолаи илмӣ ба дараҷаи доктори фалсафа аз рӯи ихтисос ноил мегарданд.

***Фанҳои ҳатмӣ*** - фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи нақшаҳои намунавии таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

***Фанҳои интихобӣ (элективӣ)*** - фанҳои таълимие, ки аз ҷониби донишҷӯ интихоб карда мешаванд.

***Барномаи кории фан (силлабус)*** - ҳуҷҷати асосии таълимию методие мебошад, ки дар он таснифоти фанни таълимӣ, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни мухтасари он, мавзуъ ва давомнокии машғулиятҳои дарсӣ, шарҳи мазмун ва мундариҷаи кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, вақти гузаронидани машварат, талаботи омӯзгор нисбат ба азхудкунии барномаи таълимии фан, меъёри баҳогузорӣ, холҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷаримавӣ барои иҷрои тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, номгӯи адабиёти ҳатмию иловагии истифодашаванда, ҷадвали гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, санҷишҳои ҷорӣ ва имтиҳонҳои фосилавӣ, рақами телефон ва нишонии электронии омӯзгор дарҷ меёбанд.

***Кори мустақилонаи донишҷӯ*** - ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона азхуд намудани барномаи таълимии фан аз рӯи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби муассисаи

таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ду шакл иҷро карда мешавад:

-кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор;

-кори мустақилонаи донишҷӯ.

***Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор*** - дар шакли супоришҳои тестӣ, реферат, маҷмӯи вазифаҳои хонагӣ, эссе, муаррифӣ (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва ғайра иҷро карда шуда, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

***Кори мустақилонаи донишҷӯ*** - ҳамчун фаъолияти мустақилона азхуд намудани маводи таълимӣ муқаррар карда шудааст.

***Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ*** - ин низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои дарсӣ, иҷрои кори мустақилона (кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ), супоридани санҷишҳои ҷорӣ, имтиҳонҳои фосилавӣ ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ниҳоӣ иҷозат гирифтани онҳо мебошад. Миқдори умумии холҳо барои иҷозат гирифтан ба имтиҳони ниҳоӣ бояд на камтар аз 25 хол муқаррар карда шавад. Дар асоси холҳои бадастовардаи донишҷӯён ифодаи ададӣ ва ҳуруфии дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ, сатҳи донишандӯзӣ ва натиҷаи фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад.

***Рейтинги академӣ (Academic Rating)*** - шакли назорат ва натиҷагириест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ (нимсолаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ) ду маротиба гузаронида мешавад. Рейтинги донишҷӯ аз рӯи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии фардии онҳо дарҷ ёфтаанд, дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯ (санҷишҳои ҷорӣ, корҳои семестрӣ ё имтиҳони фосилавӣ) муайян карда мешавад.

***Санҷиши ҷорӣ*** - санҷиши мунтазами дараҷаи дониши таълимгиранда аз ҳар як мавзӯъ ё боби фанни омӯхташаванда мебошад, ки аз тарафи омӯзгори фан гузаронида мешавад.

***Имтиҳони фосилавӣ (Midterm Examination)***- шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ ё Маркази тестии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

***Имтиҳони ниҳоӣ*** - ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ҳар як даври академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълими назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои

имтиҳонӣ қабул карда мешавад. Имтиҳони ниҳоӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ (компютер) ё ба таври анъанавӣ (шифоҳӣ, қабули корҳои хаттӣ, эҷодӣ) аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати онро ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъин менамояд, гузаронида мешавад.

***Апеллятсия*** - амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

***Триместр*** - ҳамчун семестри иловагии таълими назариявӣ ва супоридани имтиҳонҳо муайян карда шуда, дар як соли таҳсил ду маротиба (дар давраҳои таътили зимистона - моҳҳои январ-феврал ва тобистона - моҳҳои июн-июл) гузаронида мешавад. Ба триместр донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки дар давраи асосии сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) аз фанҳои таълимӣ қарзҳои академӣ ё хоҳиши баланд бардоштани баҳои худро аз фанҳои алоҳида доранд.

***Таҷрибаомӯзӣ*** - ҳамчун ҷузъи муҳими иҷро намудани талаботи нақшаи таълимӣ аз рӯи самт (ё ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуда, бевосита дар давоми соли таҳсил, дар баробари ба анҷом расидани даври академӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Барои дарёфти зинаҳои гуногуни таҳсилот (бакалавр, магистр, доктори фалсафа (доктор PhD)) тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалкунанда ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ, омӯзгорӣ (барои ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ) пешбинӣ карда мешавад.

***Холи миёнаи умумӣ (Grade Point Auerage)*** - миёнаи арифметикии баркашидаи натиҷаи донишандӯзии таълимгиранда аз рӯи ихтисоси интихобкардааш мебошад, ки ҳамчун нисбати суммаи ҳосили зарби кредитҳо ва ифодаи ададии холҳои умумии аз фанҳои алоҳида бадастоварда ба миқдори умумии кредитҳои дар даври академӣ соҳибгаштаи донишҷӯ ҳисоб карда мешавад.

***Маълумотномаи академӣ (Transcript)*** - шакли муқарраршудаи ҳуҷҷатест, ки номгӯи фанҳои таълимии дар давраи муайяни таҳсил аз тарафи донишҷӯ омӯхташударо бо нишондоди миқдори кредитҳо, баҳо ва холҳои миёнаи бадастовардаи ӯ дарбар мегирад.

***Маводи фаъоли тақсимшаванда (Handonts)*** – маводи аёнии таълимие мебошанд, ки дар ҷараёни дарс ба донишҷӯён бо мақсади инкишофи қобилияти эҷодӣ ва салоҳиятҳои касбии онҳо тақсим карда мешаванд.

***Номнавис шудан ба фанни таълимӣ (Enrollment)*** – маросими интихоби фанҳои таълимӣ бо тартиби муқарраршуда мебошад;

***Маҷмӯи маводи таълимӣ-методии ихтисос (фан)*** - басти ҳуҷҷатҳои таълимию методие мебошад, ки барои бомуваффақият азхуд намудани ихтисоси муайян (ё фан) имконият медиҳад.

***Маҷмӯи маводи таълимӣ-методии донишҷӯ*** - басти хуҷҷатҳо ва маводи ахбороти таълимию методие мебошад, ки нақшаи таълими фарди донишҷӯро барои тамоми давраи таҳсил, барномаҳои кории фан

(силлабус)-ҳо, нишондодҳои методӣ оид ба кори мустақилона, барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

***Тютор (Tutor)*** - омӯзгорест, ки ба донишҷӯён аз фанни муайян машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва машваратҳо мегузаронад, инчунин ба корҳои курсӣ, дипломӣ ва таҷрибаомӯзии онҳо роҳбарӣ мекунад.

***Эдвайзер (Advisor)*** - омӯзгори роҳбаладест, ки ҳамчун маслиҳатчӣ ба донишҷӯёни ихтисоси муайян дар интихоби самт (маҳрук)-и таҳсилот, тартибдиҳии нақшаи фардии таълим ва азхудкунии барномаи таълим дар давраи таҳсил кӯмак мерасонад.

***Соати академӣ (Academic hour)***- вақти муқарраршудаест, ки омӯзгор бо донишҷӯ дар шакли дарсҳои аудиторӣ ва қабули кори мустақилона мегузаронад. Як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.

***Кредит (Credit)*** - воҳиди ифодакунандаи сарфи меҳнати донишҷӯ барои азхудкунии барномаи таълимӣ буда, ба 24 соати академӣ баробар мебошад.

***Рисола (лоиҳа)-и дипломӣ* -** яке аз шаклҳои кори хатми касбӣ ба шумор рафта, ҳамчун кори мустақилонаи эҷодӣ аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо ва докторантон иҷро ва дар соли охири таҳсил барои дифоъ пешниҳод карда мешавад.

## 3. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

4.Раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот тибқи барнома ва нақшаҳои намунавии таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққардашуда, сурат мегирад. Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифода аз низоми кредитии таҳсилот дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот, ташкили шароит ҷиҳати то ҳадди имкон фардӣ гардонидани раванди таълим, таҳкими мақом ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯ муайян карда шудаанд.

5.Барои татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба ҳар як самт (ихтисос) шаклҳои зерини нақшаҳои таълимӣ таҳия ва истифода мешаванд:

-нақшаи таълимии намунавӣ - аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, мазмун ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёнро муайян мекунад;

-нақшаи таълимии фардӣ - аз тарафи ҳар як донишҷӯ таҳия шуда, самт (траектория)-и таҳсилоти ӯро муайян мекунад;

-нақшаи таълимии корӣ - дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва фардӣ таҳия шуда, барои тартиб додани ҷадвали раванди таълим, ҳисоб кардани ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯён оид ба фанҳои таълимӣ ва сарбории таълимии омӯзгорон истифода мешавад.

6.Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯён вобаста ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо ба ҳисоби 1 кредит барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот 24 соат муқаррар карда мешавад.

Таркиби 1 кредит барои дарсҳои назариявӣ вобаста ба зинаҳои гуногуни таҳсилот ба таври зайл муқаррар карда мешавад:

-барои барномаи бакалавриат - 8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ;

-барои барномаи магистратура - **6** соати дарси аудиторӣ, **6** соати корҳои мустақилонаи магистр бо роҳбарии омӯзгор ва 12 соати корҳои мустақилонаи магистр;

-барои барномаи докторантура (PhD) - **4** соати дарси аудиторӣ, **4** соати корҳои мустақилонаи докторант бо роҳбарии мушовири илмӣ (роҳбари илмӣ) ва **16** соати корҳои мустақилонаи докторант.

7.Ҳаҷми 1 кредит барои иҷрои шаклҳои таълими ғайриназариявӣ (кори (лоиҳа)-и курсӣ, таҷрибаомӯзӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва докторӣ) низ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба 24 соат баробар буда, танҳо дар шакли кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад.

8.Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр – 240, магистр – 120 ва доктори фалсафа (PhD) - 180 кредит муқаррар карда мешавад.

9.Тамоми шаклҳои сарбории таълимии донишҷӯ (машғулиятҳои назариявӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, кори хатм, рисолаҳои магистрӣ ва докторӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ғайра) новобаста аз зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо муайян карда шуда, ба ҳаҷми умумии кредитҳо дохил мегардад.

10.Ташкили раванди таълим дар як соли таҳсил дар асоси тақвими академӣ, ки аз тарафи ректор ва бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

11.Соли таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз даврҳои академӣ, таътил ва таҷрибаомӯзӣ иборат аст. Дар курси ниҳоии давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ гузаронида мешаванд. Даври академӣ вобаста ба шакли он аз 16 ҳафтаи таълими назариявӣ иборат мебошад. Муасссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ҷамъбасти рейтингҳои 1 ва 2 дар ҳар як даври академӣ метавонанд 1-2 ҳафта ҷудо намоянд. Пас аз ҳар як даври академӣ ба донишҷӯён таътил муқаррар карда мешавад, ки давомнокии он дар як соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафтаро ташкил диҳад.

12.Рейтинг ҳамчун ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ аз рӯи санҷишҳои ҷорӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ, имтиҳони фосилавӣ бо назардошти холҳои ҳавасмандӣ ва ҷаримавӣ муайян карда мешавад. Дар муайян намудани шакл ва таркиби рейтинги донишҷӯ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ озод мебошад.

13.Давомнокии триместр дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми то 8 ҳафта барои як соли таҳсил дар назар дошта мешавад, ки он бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён ҷиҳати гирифтани таълими назариявии иловагӣ, бартараф намудани қарзҳои академӣ гузаронида мешавад.

14.Муҳлати супоридани фарқиятҳо аз рӯи нақшаҳои таълимӣ барои донишҷӯёне, ки барқарор ва ё интиқол мешаванд, дар давраи ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ муқаррар карда мешавад.

15.Банақшагирии сарбории таълимии омӯзгор дар шакли сарбории таълимии фаъол (гузаронидани корҳои таълимӣ дар асоси ҷадвали дарсии тасдиқшуда бевосита дар аудитория) ва сарбории таълимии ғайрифаъол (намудҳои дигари корҳои таълимӣ, ки берун аз аудитория иҷро карда мешаванд) ба ҳисоб гирифта мешавад.

16.Нақшаҳои зинаи таҳсилоти бакалавриат аз бахшҳои зерин иборат мебошанд:

а) бахши фанҳои гуманитарӣ;

б) бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ;

в) бахши фанҳои умумикасбӣ;

г) бахши фанҳои тахассусӣ.

17.Таносуби ҳаҷми меҳнатталабии фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълимӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунанда Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Ҳиссаи фанҳои ҷомеъашиносӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат то 35%, магистратура то 40% ва докторантура (PhD) то 65%-ро ташкил медиҳад. Кредитҳо барои фанҳои интихобӣ дар нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат аз семестри сеюм ба нақша гирифта мешавад.

18.Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ дар шакли аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррарнамуда, дар асоси нақшаи таълимии намунавӣ ва феҳристи фанҳои интихобии бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқгардида барои ҳар як соли таҳсил аз семестри сеюм аз тарафи донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад. Нақшаи фардии донишҷӯ аз тарафи садорати факултет тасдиқ шуда, нусхаҳои он дар садорати факултет, маркази бақайдгирӣ ва машварат, инчунин дар дасти донишҷӯ нигоҳ дошта мешавад.

19.Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр (муҳлати таҳсил - 4 сол) аз худ намудани 240 кредит ҳатмӣ мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳудуди ҳаҷми умумии кредитҳои муқарраргардида бояд на камтар аз 6 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, на камтар аз 14 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ, иҷрои кори хамткунӣ ва 4 кредитҳои барои гузаштан аз аттестатсияи хатм пешбинишударо ба инобат гиранд.

20.Барои дарёфти дараҷаи академии магистр (муҳлати таҳсил - 2 сол) аз худ намудани 120 кредит, аз ҷумла: на камтар аз 12 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ, на камтар аз 45 кредитҳои барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва иҷрои рисолаи магистрӣ, 3 кредитҳои барои аттестатсияи хатм пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

21.Барои дарёфти дараҷаи академии доктори фалсафа (муҳлати таҳсил - 3 сол) аз худ намудани 180 кредит, аз ҷумла: 40 кредитҳои барои таълимӣ назариявӣ, 20 кредитҳои барои таҷрибаомӯзии илмӣ-тадқиқотӣ, 120

кредитҳои барои иҷро ва дифоӣ рисолаи илмӣ_пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

22.Барои бомуваффақият дар мухлати муқарраршуда хатм намудани ҳамаи зинаҳои таҳсилот миқдори кредитҳо дар нақшаи таълимии фардӣ барои як соли таҳсил бояд на камтар аз 60 кредитро ташкил диҳад. Яъне, донишҷӯ дар ҳар як даври академӣ ба ҳисоби миёна бояд 30 кредит (аз он ҷумла, 100% фанҳои ҳатмӣ)-ро аз худ кунад.

23.Теъдоди умумии фанҳои таълимӣ барои ҳар як даври академӣ дар зинаи таҳсилоти бакалавриат – то 8, дар зинаи таҳсилоти магистратура – то 6 ва дар зинаи таҳсилоти докторантура (PhD) – то 4 муқаррар карда мешавад.

24.Сарбории таълимии омӯзгор барои як соли таҳсил дар асоси нақшаи таълимии кории самт (ихтисос), ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад.

25.Сарбории умумии омӯзгор дар як соли таҳсил бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои як воҳиди корӣ новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба миқдори 64 кредит (1536 соат), аз он ҷумла, сарбории таълимӣ дар ҳаҷми 23 кредит (552 соат) муқаррар карда мешавад.

26.Сарбории таълимӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ пурра аз соатҳои фаъол (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ) иборат набуда, балки соатҳои ғайрифаъол (соатҳои барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор (лоиҳа)-ҳои курсиро низ дар бар мегирад.

27.Дар ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзиҳо, кор (лоиҳа)-и хатмкунии бакалавр ва рисолаи илмии магистр ба сарбории таълимии омӯзгор дар ҳаҷми як воҳиди корӣ ё дар шакли соатбайъ муайян намудани он, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мустақил мебошад.

28.Муайян намудани таносуби соатҳои сарбории таълимии фаъол ва ғайрифаъоли омӯзгор барои як воҳиди корӣ ба салоҳияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта мешавад.

29.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ уҳдадор аст, ки ҳамаи донишҷӯёнро бо қоидаҳои ташкили раванди таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот шинос намояд. Маълумот оид ба қоидаҳои ташкили раванди таълим дар тахтаи эълонҳои комиссияи қабул (дар шакли чопӣ) ва сомонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (дар шакли электронӣ) ҷой дода мешавад.

30.Бақайдгирии донишҷӯён ҷиҳати номнависшавӣ ба омӯзиши фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ, интихобӣ (элективӣ), интихоби омӯзгорони фаннӣ ва гурӯҳбандӣ барои соли нави таҳсил аз ҷониби маркази бақайдгирӣ ва машварат дар мувофиқа бо садорати факултетҳо ва кафедраҳо то 1 апрели соли таҳсили ҷорӣ ташкил ва гузаронида мешавад.

31.Донишҷӯёни курсҳои 2-4, баъди муаррифии фанҳо, нақшаи таълимии фардии худро барои соли нави таҳсил (дар шакли муқарраршуда, дар ҳолати зарурӣ, пас аз маслиҳати эдвайзер) тартиб дода,

имзо мегузоранд ва санаи онро гузошта, то 30 апрели соли таҳсили ҷорӣ ба садорати факултет месупоранд. Онҳо метавонанд то 10 июн ба нақшаи таълимии фардии худ аз миқдори умумии кредитҳо дар ҳаҷми то 10% тағйирот ворид намоянд. Дар ин маврид донишҷӯ ба садорати факултет бо дархости хаттӣ (дар шакли муқарраршуда) муроҷиат мекунад.

32.Маркази бақайдгирӣ ва машварат ва садорати факултет дар асоси қарори Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шумораи зарурии ҳадди ақали донишҷӯёнро барои ташкил кардани гурӯҳ аз фанни таълимӣ (ҳатмӣ ё интихобӣ) ва шумораи ҳадди аксари донишҷӯёнро барои ташкил намудани гурӯҳҳои академии якҷоя (потокҳо) муқаррар менамояд.

33.Дар ҳолати то 30 апрели соли таҳсили ҷорӣ барои омӯзиши ин ё он фанни интихобӣ дар соли нави таҳсил номнавис шудани теъдоди аз ҳадди ақали муқарраршуда камтари донишҷӯён, ин фан ба нақшаи таълимии корӣ ворид карда намешавад. Садорати факултет барои огоҳ намудани донишҷӯён эълон ва ба қисми таълим ба таври хаттӣ гузориш медиҳад. Донишҷӯёне, ки барои омӯзиши ин фан номнавис шудаанд, бояд то 10 июни соли ҷорӣ оид ба ворид намудани тағйирот дар нақшаи таълимии фардӣ ба садорати факултет бо дархост муроҷиат намоянд.

34.Муайян намудани ҳадди ақал ва аксари гуруҳҳои таълимӣ дар асоси номнависшавии донишҷӯён ба фанҳои таълимӣ ва омӯзгорон, тартиби ташкили онҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

35.Ҳангоми аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ва аз ҷониби ӯ ба садорати факултет дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани нақшаи таълимии фардӣ, садорати факултет ҳуқуқ дорад, ки барои муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти ӯ нақшаи таълимии намунавиро ҳамчун асос истифода барад.

36.Дар натиҷаи таҳлили нақшаҳои таълимии фардӣ садорати факултет нақшаҳои таълимии кориро аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои амалкунанда таҳия намуда, то 15 майи соли таҳсили ҷорӣ ҷадвали дарсӣ тартиб медиҳад.

## 4.НИЗОМИ НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲӢ БА ДАРАҶАИ АЗХУДКУНИИ ФАНҲО

37.Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар шакли баҳогузории ҳуруфӣ бо истифода аз ҳарфҳои A (A, A-), B (B+, B, B-), C (C+, C, C-), D (D, D-) ва F (Fx, F) ифода карда мешавад.

38.Барои мавриди истифода қарор додани шакли ҳуруфии баҳогузорӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯ ва муайян намудани баҳои ниҳоии ӯ аз низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала истифода бурда мешавад.

39.Гузариш аз низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала ба шакли ҳуруфии баҳогузорӣ бо истифода аз услуби рейтингӣ (бо назардошти мураккабияти барномаи таълимии фанҳо) амалӣ гардонида мешавад.

40.Муайян намудани ҳадди ақали холҳо барои гирифтани баҳоҳои мусбӣ аз фанҳои алоҳида вобаста ба ҳаҷми меҳнатталабии онҳо тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингии 100-бала дар ҳудуди на камтар аз 50% аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

41.Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти ададии он тибқи ҷадвали 1 муайян карда мешавад.

Ҷадвали 1

**Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ ва эквиваленти ададии он**

| Баҳо (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Холҳои умумии бадастовардаи донишҷӯ | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

Эзоҳ: *Fx* - баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.

42.Аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ (баҳои умумӣ)-и донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо, маркази бақайдгирӣ ва машварат рейтинги академии онҳоро муайян мекунад.

43.Бо мақсади ҳавасмандгардонии донишҷӯён ва таъини стипендия муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад, дар ҳар як даври академӣ рейтинги умумии онҳоро ҳамчун миёнаи арифметикии баркашидаи холҳои аз ин ё он фанни таълимӣ бадастоварда муайян намояд.

44.Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қоидаҳои умумии низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ва низомномаҳои амиқи баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳоро аз ҷониби донишҷӯ таҳия менамояд.

45.Донишҷӯе, ки аз рӯи натиҷаҳои рейтингҳои 1, 2 ва имтиҳони ниҳоии ин ё он фанни таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтааст (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо сабаби узрнок ба имтиҳонҳо ҳозир нашудааст), барои такроран супоридани имтиҳон роҳ дода намешавад.

46.Ҳар як донишҷӯ метавонад аз садорати факултет, маркази бақайдгирӣ ва машварат ва сомонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба натиҷаи рейтинги академии худ маълумоти муфассалу асоснок гирад.

47.Донишҷӯёне, ки дар давоми як даври академӣ аз 1-2 фанҳои таълимӣ қарзи академӣ доранд, имконияти дар триместрҳо бартараф намудани онҳо ва дар даври академии оянда идома додани таҳсилро пайдо мекунанд.

48.Донишҷӯёне, ки дар давоми як даври академӣ аз 3 ва зиёда фанҳои таълимӣ қарзӣ академӣ доранд, аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешаванд.

49.Донишҷӯ барои ба сафи донишҷӯён барқарор шудан пас аз ба тасвиб расидани фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, метавонад миқдори кредитҳои заруриро, ки мувофиқи нақшаи таълимии фардӣ аз худ карда натавонистааст, аз нав азхуд кунад.

50.Дар ҳолате, ки қисми зиёди донишҷӯён  аз ин ё он фанни таълимӣ қарзи академӣ доранд, садорати факултет метавонад (бо назардошти на камтар аз ҳадди ақал (8 нафар), ки аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои ташкил намудани гурӯҳ ҷиҳати омӯзиши фанҳо муқаррар шудааст) бо хоҳиши донишҷӯён ва интихоби омӯзгор аз ҷониби онҳо дар триместр машғулиятҳои дарсӣ ташкил намояд. Дар ин сурат донишҷӯён, новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва пулакӣ, танҳо пас аз пардохти маблағе, ки мувофиқи харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои азхуд намудани 1 кредит муқаррар шудааст, метавонанд ин фанро аз нав омӯхта, имтиҳон супоранд.

51.Имтиҳонҳои фосилавӣ оид ба ҳар як фан аз тарафи омӯзгори фаннӣ ва имтиҳони ниҳоӣ бошад, аз тарафи комиссияе, ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, қабул карда мешаванд.

52.Имтиҳонҳои фосилавӣ ва ниҳоӣ дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли қабули тестҳои омехта, корҳои хаттӣ, шифоҳӣ (вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ) ва ё тариқи компютер дар маркази тестии муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд ва натиҷаи онҳо дар маркази бақайдгирӣ ва машварат, садорати факултет нигоҳ дошта шуда, дар сомонаи муассисаи таълимӣ ҷой дода мешаванд.

53.Рейтингҳои 1 ва 2 оид ба ҳар як фанни таълимӣ дар ҳафтаҳои 7 ва 14-уми таълими назариявии даври академӣ (дар рафти гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) ва имтиҳони ниҳоӣ дар давраи сессияҳои имтиҳонӣ қабул карда мешаванд.

54.Баҳои умумии донишҷӯ оид ба азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан бо формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода меёбад:

$$\text{Холхои умуми} = \left[\frac{(P_1 + P_2)}{2}\right] \cdot n_1 + \text{Ин} \cdot n_2$$

дар ин ҷо:

n – коэффисиенти доимӣ набуда, метавонад аз 0,40 то ба 1,0 баробар бошад ва ҳосили ҷамъи ададҳои $n_1$ ва $n_2$ бояд ба 1 баробар шавад.

$P_1$- холҳои рейтинги якум;

$P_2$- холҳои рейтинги дуюм;

*Ин*– холҳои  имтиҳони ниҳоӣ.

55.Пас аз анҷоми ҳар як даври академӣ дар асоси ифодаи ададии баҳои донишҷӯ аз фанҳои алоҳида холи умумии миёна (GPA)-и ӯ бо истифодаи услуби миёнаи арифметикии баркашида ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

**Тарзи ҳисоби холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ дар семестр**

| Р/т | Номгӯи фанҳо | Миқдори кредитҳо | Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Холи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фалсафа | 4 | B | 3 | 12 |
| 2 | Математика | 4 | C | 2 | 8 |
| 3 | Информатика | 6 | B | 3 | 18 |
| 4 | Таърихи халқи тоҷик | 4 | A | 4 | 16 |
| 5 | Забони тоҷикӣ | 4 | A | 4 | 16 |
| 6 | Забони русӣ | 6 | B | 3 | 18 |
| 7 | Забони хориҷӣ | 4 | C- | 1,67 | 6,68 |
| | Ҳамагӣ | 32 | | | 94,68 |
| | Холи умумии миёна(GPA) | | | | 2,96 |

56.Барои аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и ӯ муайян карда мешавад, ки донишҷӯ дар ҳар як соли таҳсил бояд на камтар аз онро соҳиб шавад. Холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ вобаста ба курсҳо чунин муқаррар карда мешавад:

-барои курси якум - 1,67;

-барои курси дуюм - 1,75;

-барои курсҳои сеюм ва чорум - 2,0.

57.Барои хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ дар давраи таҳсил бояд на камтар аз 1,85-ро ташкил диҳад.

58.Донишҷӯёне, ки ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и онҳо дар ҷамъбасти соли таҳсил аз ҳадди ақали холҳои умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур муқаррашуда камтар аст, новобаста аз шакли маблағгузории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит фанҳоеро, ки аз онҳо холҳои кофӣ ба даст наовардаанд, такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд.

59.Фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои аз курс ба курс гузаронидан, танҳо нисбат ба донишҷӯёне ба имзо расонида мешавад, ки холи умумии миёна (GPA)-и онҳо на камтар аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомнома муқарраршуда бошад.

60.Ба донишҷӯёне, ки дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил дар зинаи бакалавриат на камтар аз 222 кредитҳои барои таълими назариявӣ ва таҷрибаомӯзиҳо пешбинигардидаро бомуваффақият азхуд намудаанд, барои гузаштан аз аттестатсияи хатм (имтиҳонҳои давлатӣ ё дифои рисолаи хатм) иҷозат дода мешавад.

61.Барои гирифтани иҷозат ба дифои рисолаи илмӣ дар зинаи магистратура азхуд намудани барномаи таълимӣ дар шакли таълими назариявӣ дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил (2 сол) дар ҳаҷми на камтар аз 90 кредит муайян карда мешавад.

## 4а. ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АУДИТОРИИ НАЗАРИЯВӢ

61а. Машғулиятҳои аудитории назариявӣ дар низоми кредитии таҳсилот дар шакли лексия ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ гузаронида мешаванд. Дар ин раванд лексия ва навъҳои дигари фаъоли машғулиятҳои назариявӣ ҳамчун баёни муназзам, амиқ ва фаҳмои маводи таълимӣ, бояд на бо мақсади фарогирии тамоми маълумоти ҷузъӣ оид ба мавзӯъ, балки барои мусоидат ба фаҳмиши мушкилот ва масъалаҳои бунёдӣ, азхудкунии методҳои маърифати илмӣ истифода гардида, дастовардҳои навтарини афкори илмиро ба донишҷӯён пешниҳод кунанд. Лексияҳо бояд вазифаи методологӣ, ташкилӣ ва иттилотиро иҷро намоянд.

61б. Талаботи асосӣ ба лексия ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ дар низоми кредитии таҳсилот инҳоянд:

– ба таълимгирандагон додани донишҳои мукаммал ва ба ҳамдигар марбут, ки сатҳи онҳо бо муқаррароти ҳадафмандона оид ба ҳар як мавзӯи мушаххас муайян гардида, мазмунан ба дастовардҳои илму техника дар даврони муосир мутобиқат доранд ва рушди ин донишҳоро дар давраҳои наздиктарин пешбинӣ менамоянд;

– таъмин намудани фаъолияти эҷодкоронаи донишҷӯён дар раванди таълим дар якҷоягӣ бо омӯзгор, бедор намудани ҳавасмандии донишҷӯён барои илмомӯзӣ ва мувоҷеҳ сохтани онҳо барои бурдани кори мустақилона дар самти такмили донишҳои омӯхташуда;

– таъмини айёнияти баёни мавзӯъҳо бо истифода аз имконияти техникии намоиш додани маводи аудиовизуалӣ, макет, амсила ва намунаҳо ва ғ.;

– баёни мавзӯъҳо бо забони дастрас ва фаҳмо, шарҳи истилоҳот ва мафҳумҳои нав ва амсоли он.

61в. Устодону омӯзгорон бояд афзалияти машғулиятҳои лексионӣ ва навъҳои дигари фаъоли таълими масъалаҳои назариявиро (як лектор метавонад, ки маълумоти заруриро ба шумораи зиёди шунавандагон расонад; лектор тамоми раванди машғулиятро ба нақша гирифта, назорат мекунад ва ғ.) ба назар гирифта, норасогиҳои чунин навъи машғулиятҳоро (аз маҳорати лектор вобастагии зиёд дорад; шунавандагон метавонанд ғайрифаъол бошанд ва ғ.) ҳадалимкон дар раванди машғулият бартараф намоянд.

61г. Машғулиятҳои аудитории назариявӣ бояд ҳатман аз чунин қисматҳо иборат бошанд: муқаддима - мавзӯъ, нақша ва мақсади дарс; баёни мавзӯъ - аз ду то чор масъалаи калидӣ бо кушодани мазмуни онҳо, исбот намудани онҳо ва муқаррароти хотимавӣ оид ба масъалаҳои гузошташуда; хулосабарорӣ аз мавзӯи омӯхташуда бо тавсияҳо оид ба идомаи омӯзиши мавзӯъ ва кори мустақилонаи донишҷӯён аз болои он.

61д. Устодону омӯзгорон бояд дар баробари машғулиятҳои лексионии анъанавӣ (лексияи муқаддимавӣ, иттилоотӣ, тавсифӣ, машваратӣ ва ғ.) вобаста ба мавзӯъ ё аудитория аз чунин навъҳои фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ низ истифода кунанд:

– *Лексияи проблемавӣ* – дар чунин навъи машғулияти назариявӣ донишҳои нав бо гузориши ягон масъала, вазифа ё ҳолати проблемавӣ ҳосил карда мешаванд. Дар ин маврид ҷараёни маърифати донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо омӯзгор бояд ба фаъолияти таҳқиқотӣ шабоҳат дошта бошад. Мазмуни масъалаи проблемавӣ тавассути ҷустуҷӯи роҳи нав ё ба воситаи таҳлилу хулосабарорӣ аз ақидаҳои анъанавии мавҷуда доир ба мавзӯи матраҳшуда кушода мешавад.

– *Лексияи визуалӣ* – аз пешниҳоди маводи таълимӣ тавассути воситаҳои аудиовидеотехникӣ (тахтаи электронӣ, видео, аудио ва ғ.) иборат буда, тавассути шарҳи муфассал ё мухтасари маводи намоишдодашуда ҷамъбаст карда мешавад.

– *Лексияи бинарӣ* – пешниҳоди маводи таълимӣ тавассути муколамаи ду нафар сурат мегирад (намояндагони ду мактаби илмӣ, олими назариётчӣ ва татбиққунанда, омӯзгор ва донишҷӯ ва ғайра).

– *Лексия бо хатоҳои банақшагирифташуда* – бо мақсади ҳавасмандсозии донишҷӯён барои назорати бефосилаи маълумоти пешниҳодшаванда ва пайдо кардани хатоҳо дар ин маълумот (хатоҳои мазмунӣ, методологӣ, методӣ, имлоӣ, услубӣ ва ғ.) пешбинӣ гардида, бо таҳлили хатоҳои пайдо кардашуда ҷамъбаст мегардад.

– *Лексия-конференсия* – як навъи машғулияти назариявӣ-амалӣ буда, дар шакли пешниҳоди маҷмӯи маърӯзаҳои донишҷӯён дар ҳаҷми 5-10 дақиқагӣ оид ба мавзӯи қаблан эълоншуда сурат мегирад. Ҳар як маърӯза аз матни мантиқан мукаммал оид ба масъалаи аз ҷониби омӯзгор қаблан тақсимшуда иборат буда, маърӯзаҳо дар якҷоягӣ проблемаи гузошташударо ҳамаҷониба инъикос менамоянд. Дар анҷоми машғулият омӯзгор маърӯзаҳои донишҷӯёнро хулоса намуда, маълумоти пешниҳоднамудаи онҳоро такмил медиҳад, дақиқ месозад ва хулосабарориҳои зарурирo аз мавзӯъ ба низом медарорад.

61е. Устодону омӯзгорон метавонанд, ки аз навъҳои дигари лексия ва машғулиятҳои аудитории назариявӣ, ки ба талаботи педагогика ва методикаи илмии муосир мувофиқ аст, истифода намоянд.

61 ж.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ аз рӯи иштирок дар машғулиятҳои аудитории назариявӣ аз ҷониби омӯзгори фан ҳангоми холгузории умумӣ ба эътибор гирифта мешавад.

## 5.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ БО РОҲБАРИИ ОМӮЗГОР

62.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо мақсади гузаронидани мусоҳиба ва машварат бо донишҷӯён, бозиҳои касбӣ, мизҳои мудаввар, ҳалли кейсҳо, омӯзиши маводи таълимии иловагӣ (вобаста ба фанни таълимӣ), иҷрои супоришҳои хонагӣ, навиштани рефератҳо, эссе, лоиҳаҳои курсӣ, корҳои назоратии семестрӣ, таҳияи ҳисобот, қабули санҷишҳои ҷорӣ ва ғайра ташкил карда мешавад.

63.Масъалаи дар шакли машғулиятҳои аудиторӣ дар ҷадвали дарсӣ гузоштани кредитҳои барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор муайянгардида ба ихтиёри муассисаи таҳсилоти олии

касбӣ гузошта шудааст. Ҳаҷми дар шакли машғулиятҳои аудиторӣ дар ҷадвали дарсӣ нагузоштани кредитҳои барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор муайянгардида барои кредитҳои тоқи фанҳои таълимӣ - на камтар аз 30% ва барои кредитҳои ҷуфти фанҳои таълимӣ - на камтар аз 50% муқаррар карда шуда, бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ мегардад. Соатҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, ки дар ҷадвали дарсӣ гузошта нашудааст, яке аз шаклҳои корҳои таълимию методии омӯзгор буда, дар ҳаҷми як воҳиди корӣ ба сарбории таълимии ӯ дохил нашуда, ҳамчун сарбории қисми дуюм ба ҳисоб гирифта мешавад.

64.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ мешавад.

65.Нақша ва тарзи гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо нишон додани супоришҳо ва мӯҳлати иҷро намудани онҳо дар маҷмӯаи таълимӣ-методии фан, бахусус дар барномаи кории фан (силлабус) пурра дарҷ меёбад.

66.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ аз рӯи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор аз ҷониби омӯзгори фан холгузорӣ карда мешавад.

## 6.ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ

67.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии донишҷӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Чорабиниҳое, ки ташкили дурусти ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯро таъмин мегардонанд, бояд дар асоси талаботи зерин амалӣ гардонида шаванд:

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд аз рӯи самти фанни таълимӣ ба таври мушаххас муайян карда шаванд;

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд самаранок ва пайваста таҳти назорат қарор дода шуда, натиҷаи иҷрои онҳо ҷиддӣ баҳогузорӣ карда шаванд;

68.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷаи он дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва васоитҳои таълимӣ муайян карда шавад;

69.Назорат ва гузоштани баҳо ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд ҳамчун ягонагии ду шакли кор ташкил карда шавад:

-фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯ;

-назорат ва баҳогузорӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ, комиссияҳои имтиҳонӣ ва аттестатсияҳои давлатӣ, сохторҳои назоратии давлатӣ ва ғайра.

70.Тарзҳои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд дар асоси барномаҳои кории ҳар як фанни таълимии ба барномаи касбии таълимии ихтисоси муайян дохилшаванда муқаррар карда шаванд.

Дар қисмати мазкури барномаи кории фанни таълимӣ бояд супоришҳо барои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ доир ба ҳама ё баъзе мавзӯъҳо муайян карда шуда, барои онҳо яке аз шаклҳои назорат (пурсиши шифоҳӣ, маърӯза намудан, навишатни реферат, гузаронидани таҳқиқотӣ мустақилона, супервизия, супоридани коллоквиум, супоридани тест, иҷро намудани кори контролӣ ва ғайра) нишон дода шавад:

71.Тарзи мушаххаси иҷро намудани корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯ интихоб карда шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ дар мувофиқа бо омӯзгор (омӯзгорон) дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида муайян карда мешавад.

72.Ҷорабиниҳои дуруст ба роҳ мондан ва фароҳам овардани шароити иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ, бояд бо асосҳои дар поён овардашуда таъмин гардидани ҳар як донишҷӯро пурра дар бар гиранд:

-тарзи кори инфиродӣ ҳангоми иҷро намудани корҳои назариявӣ (баҳисобгирӣ, тартиб додани нақшаҳо ва ғайра) ва амалӣ (иҷро намудани корҳои лабораторӣ ва илмӣ-методӣ);

-воситаҳои маълумотдиҳанда (маълумотномаҳо, дастурҳои таълимӣ, бонки корҳои инфиродӣ, барномаҳои таълимӣ, дастаи барномаҳои бунёдӣ ва ғайра);

-маводи методӣ (тависяҳо, роҳнамоҳои практикумҳо ва ғайра);

-маводи назоратӣ (тестҳо);

-маводи захиравӣ (воситаҳои ченкунанда, технологӣ ва ғайра);

-сарватҳо муваққатӣ;

-мусоҳибаҳо (омӯзгорон, кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ ва ғайра);

-имконияти муайян намудани маҳрук (траектория)-и таълимии худ (фанҳои таълимии интихобӣ, хизматҳои иловагии таълимӣ, нақшаҳои инфиродии таълимӣ);

-имконияти ба таври расмӣ муҳокима намудани натиҷаҳои назариявӣ/ё амалии мустақилона бадастовардашуда (иштирок намудан дар конференсияҳо, олимпиадаҳо, озмӯнҳо).

73.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар кафедаҳо, дар лабораторияҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин дар муассисаҳои истеҳсолие, ки муассисаи таълимиии таҳсилоти олии касбӣ бо онҳо шартнома дорад, ташкил ва иҷро карда мешаванд.

## 7. ТАРТИБИ ИҶРО ВА ҲИМОЯИ КОР (ЛОИҲА)-И КУРСӢ

74.Иҷрои кор (лоиҳа)-и курсӣ дар нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои гурӯҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинӣ шуда, дар давоми як даври академӣ ба нақша гирифта мешавад.

75.Баҳогузорӣ ба сифати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ аз ҷониби ҳайати комиссияе, ки кафедраи дахлдор таъсис додааст, бояд то

оғози ҳафтаи 16-уми таълими назариявии ҳар як даври академӣ амалӣ гардонида шавад.

76.Ба фаъолияти таълимии донишҷӯ оид ба иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ ба таври алоҳида холгузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати саривақт ҳимоя накардани кор (лоиҳа)-и курсии фаннӣ, донишҷӯ ба имтиҳони ниҳоии ин фанни таълимӣ роҳ дода намешавад.

77.Муҳлати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсии тахассусӣ дар назди комиссияе, ки кафедраи дахлдор таъсис додааст, аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

## 8. ТАРТИБ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ СЕССИЯИ ИМТИҲОНӢ

78.Сессияи имтиҳонӣ дар як соли таҳсил ду маротиба дар баробари ба анҷом расидани ҳафтаҳои таълими назариявии ҳар як даври академӣ бо мақсади қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ аз фанҳои таълимӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Муҳлати гузаронидан ва миқдори ҳафтаҳои сессияи имтиҳонӣ тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

79.Имтиҳонҳои ниҳоӣ вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан ва хусусиятҳои касбии самт (ихтисос)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва омехта (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ё дар шакли анъанавӣ) гузаронида мешаванд. Асоснок гардонидани шакли шифоҳӣ ва хаттии қабули имтиҳонҳо вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан муайян карда шуда, бо қарори Шӯрои методии факултет ва Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

80.Қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати он бо фармоиши ректор тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад. Ба ҳайати комиссия омӯзгори кафедраи мувофиқ, омӯзгорони кафедраҳои дигари аз ҷиҳати мазмун наздик, ки ба донишҷӯёни ин гурӯҳ аз фанни мазкур дарс надодаанд, намояндагони қисми таълим ва садорати факултет шомил мешаванд. Омӯзгори фанни таълимӣ метавонад ба сифати назоратчӣ дар рафти қабули имтиҳон ва тафтиши ҷавобҳои донишҷӯён иштирок намояд.

81.Иштироки омӯзгори фанни таълимӣ дар рафти қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ барои иҷрои корҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-назорати рафти қабули имтиҳон ва натиҷагирии он;

-саривақт ба қайд гирифтани натиҷаи имтиҳон дар варақаи имтиҳонӣ.

82.Аъзои комиссияи имтиҳонӣ варақаҳои ҷавобҳои донишҷӯёнро бо калиди ҷавобҳои дуруст муқоиса намуда, натиҷаи имтиҳони ниҳоиро аз фанни таълимӣ муайян менамоянд, Дар мавриди истифода аз технологияи иттилоотӣ баъд аз коркарди онҳо дар барномаи компютерӣ натиҷаи ниҳоии ҷавобҳои донишҷӯёнро муайян мекунад. Дар ҳар ду маврид комиссия натиҷаҳои имтиҳони ниҳоиро аз фанни таълимӣ ба донишҷӯён эълон намуда, варақаи имтиҳониро пур мекунанд ва бо гузоштани имзо ба маркази бақайдгирӣ ва машварат месупорад.

83.Дар мавриди аз тарафи комиссияи имтиҳонӣ ба қайд гирифтани ҳолатҳои вайрон намудани қоидаҳои қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ баҳои донишҷӯ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

84.Ворид намудани тағйирот ба натиҷаҳои дар рейтингҳои 1 ва 2 бадастовардаи донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонӣ қатъиян манъ аст.

85.Оид ба натиҷаи ҳар як сессияи имтиҳонӣ ба донишҷӯ транскрипт (маълумотномаи академӣ) дода мешавад.

## 9. АПЕЛЛЯТСИЯ ВА ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

86.Апеллятсия - аз тарафи Комиссияи апеллятсионӣ гузаронида мешавад. Комиссияи апеллятсионӣ бо фармоиши ректор таъсис дода шуда, ба он намояндаи қисми таълим, намояндагони садорати факултет ва кафедраи мувофиқ дохил мешаванд.

87.Апеллятсия дар асоси аризаи донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-ғалат пешниҳод гардидани маводи имтиҳонӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё ҳангоми генератсияи онҳо бо хатои техникӣ таҳия гардидани варианти саволномаҳои тестӣ;

-набудани ҷавоби дуруст ё овардани ду ҷавоби дуруст дар байни ҷавобҳои ба саволномаи тестӣ пешниҳодшуда аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ;

-берун аз доираи барномаи таълимии фан пешниҳод гардидани саволномаҳои имтиҳонӣ;

-ба ҳисоб нагирифтани ҷавобҳои дуруст ҳангоми санҷиши варақаи ҷавобҳои донишҷӯ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё сканер накардани он аз ҷониби мутахассиси маркази тестии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-ғалат тартиб додани калиди ҷавобҳои дуруст аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё бо хато ворид намудани калиди ҷавобҳои дуруст ба барномаи компютерӣ;

88.Дархости донишҷӯ дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ баррасӣ карда мешавад.

89.Тартиби гузаронидани апеллятсия:

-донишҷӯ рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳони ниҳоӣ бо нишон додани номи фан ба маркази бақайдгирӣ ва машварат бо ариза мурочиат мекунад. Комиссия аризаи донишҷӯро арзёбӣ намуда, бо назардошти мувофиқати он ба талаботи ҳолатҳои дар банди 80-и Низомнома овардашуда оид ба зарурати гузаронидани апеллятсия қарор қабул мекунад;

-натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ гузаронида мешавад;

-тағйир додани натиҷаҳои рейтингҳои 1 ва 2-и донишҷӯ ҳангоми гузаронидани апеллятсия қатъиян манъ аст.

## 10.ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ҚАРЗҲОИ АКАДЕМӢ

90.Қарзҳои академии донишҷӯ ҳангоми ба Fx ва F баробар шудани натиҷаи ниҳоии азхудкунии барномаи таълимии ин ё он фан ва ё бесабаб ҳозир нашудан ба имтиҳони ниҳоӣ ба вуҷуд меоянд.

91.Мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машварат сабабҳои ба вуҷуд омадани қарзҳои академиро таҳлил намуда, дар асоси муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён, номгӯи фанҳои таълимиро барои такроран супоридани имтиҳонҳо муайян мекунад.

92.Такроран супоридани имтиҳон аз ин ё он фанни таълимӣ пас аз сессия (бе пардохти маблағи иловагӣ) ба донишҷӯёне иҷозат дода мешавад, ки аз имтиҳонҳои фосилавӣ бомуваффақият гузаштаанд, вале бо сабабҳои узрнок ба имтиҳони ниҳоӣ ҳозир нашудаанд ё ки баҳои Fx гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне низ дохил мешаванд, ки дар дарсҳо пурра иштирок намуда, аз рейтинги 1 ё 2 холҳои баланд гирифтаанд, вале бо сабаби беморӣ (бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқшуда) ба имтиҳони ниҳоӣ ҳозир нашудаанд. Ба ин қабил донишҷӯён барои супоридани имтиҳон пас аз сессия то як моҳ муҳлат муқаррар карда мешавад. Дар мавриди такроран супоридани имтиҳони ниҳоӣ шакли қабули имтиҳон ва ҳайати комиссия тағйир намеёбад.

93.Мушовири академӣ (эдвайзер) ва мутахассиси маркази бақайдгирӣ ва машварат (бақайдгиранда) номгӯи фанҳои таълимӣ, ному насаби донишҷӯёни дорои қарзҳои академиро муайян намуда, ҷадвали такроран супоридани имтиҳонҳоро бо нишон додани сана, вақт ва макон тартиб медиҳанд ва барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод мегардонанд.

94.Қарзҳои академӣ аз фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ду ва зиёда даври академӣ пешбинӣ шудааст, ҳатман бо риояи пайдарпайии омӯзиш ва бартараф намудани онҳо ба роҳ монда мешавад.

95.Ба истиснои ҳолатҳои дар банди 92-и Низомномаи мазкур овардашуда (бе пардохти маблағи иловагӣ) такроран супоридани имтиҳонҳо бидуни аз нав омӯхтани фан қатъиян манъ аст.

## 11. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ТРИМЕСТР

96.Триместр бо пешниҳоди қисми таълим, маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва садорати факултетҳо ташкил карда мешавад.

97.Муҳлати гузаронидан ва давомнокии триместр тибқи тақвими академии раванди таълим муқаррар карда мешавад.

98.Зарурати дар триместр таҳсил намудани донишҷӯ дар асоси ҷой доштани ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад:

-дар як даври академӣ (ҷамъбасти давраи асосии сессияи имтиҳонӣ) на зиёда аз ду фанҳои ҳатмӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан;

-ҳангоми аз 25 хол паст будани натиҷаи рейтингҳои 1,2 ва дар ҳамин асос барои супоридани имтиҳони ниҳоӣ иҷозат нагирифтан;

-насупоридани имтиҳонҳо дар муҳлати як моҳе, ки тибқи банди 92-и Низомномаи мазкур муқаррар карда шудааст;

-паст будани натиҷаи холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и донишҷӯён нисбат ба холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур вобаста ба курсҳо муқарраршуда;

-ба таври системанок (зиёда аз 25%) ба дарсшиканӣ роҳ додан дар машғулиятҳои дарсии ин ё он фанни таълимӣ.

99.Триместр бо назардошти риояи талаботи зерин ташкил карда мешавад:

-ҳайати гурӯҳҳое, ки ба машғулиятҳои дарсии ин ё он фанни таълимӣ фаро гирифта мешаванд, бояд аз 8 нафар кам набошанд;

-дар ҳолати аз 8 нафар кам будани донишҷӯён гурӯҳ ташкил карда намешавад ва азхуд намудани барномаи таълимии фан дар шакли ташкил ва гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ бо донишҷӯён ва аз ҷониби онҳо ба таври инфиродӣ аз худ намудани маводи таълимии фан амалӣ гардонида мешавад;

-сарфи меҳнати омӯзгор дар триместр (ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ дар гуруҳҳо ё дар шакли мусоҳиба ё машғулиятҳои инфиродӣ иҷро намудани сарбории таълимӣ бо донишҷӯёни қарздор) ба тариқи соатбайъ пардохт мешавад;

-ҳаҷм ва арзиши пардохти соатҳои дар шакли мусоҳиба ё машғулиятҳои инфиродӣ иҷрогардидаи омӯзгор аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

100.Ба расмият даровардани триместр бо тартиби зерин сурат мегирад:

-донишҷӯ то оғози триместр барои иштирок дар он ба маркази бақайдгирӣ ва машварат ариза пешниҳод менамояд;

-Маркази бақайдгирӣ ва машварат дар мавриди ташкили гурӯҳ дар мувофиқа бо кафедра ному насаби омӯзгорро муайян намуда, ҷадвали машғулиятҳои дарсии триместрро тартиб медиҳад. Пас аз пурра пардохт намудани маблағи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён онро барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод менамояд;

101.Садорати факултет барои пардохти саривақтии маблағи таҳсил дар триместр аз ҷониби донишҷӯёни қарздор масъул мебошад.

102.Маркази бақайдгирӣ ва машварат аз рӯи натиҷаҳои триместр холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯро аз нав муайян менамояд.

## 12. ТАРТИБИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ФАРҚИЯТИ АКАДЕМӢ

103.Фарқияти академӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолатҳои зерин пайдо мешавад:

-гузариши донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-гузариши донишҷӯ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар;

-баргаштани донишҷӯ аз рухсатии академӣ (дар ҳолати иваз шудани нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ);

-барқароршавии донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ.

104.Раванди супоридани фарқияти академӣ иҷрои пай дар пайи амалҳои зеринро аз ҷониби донишҷӯён тақозо менамояд:

-пардохти маблағи иловагии таҳсил вобаста ба кредитҳои фанҳои таълимӣ;

-иштирок дар машғулиятҳои дарсӣ бо мақсади пурра азхуд намудани барномаи таълимии фанҳое, ки ҳамчун фарқият муайян карда мешаванд;

-иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, супоридани имтиҳонҳои фосилавии 1, 2 ва ниҳоӣ бо мақсади ҷамъоварии кредитҳои дар нақшаи таълимӣ муқарраргардида.

-бартараф намудани фарқияти академӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо муқарраршуда;

105.Муҳлати супоридани фарқият аз рӯи нақшаи таълимӣ то охири даври академӣ муқаррар карда мешавад.

## 13.ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

106.Таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, саҳроӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ) мувофиқи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои тасдиқгардидаи самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад.

107.Таҷрибаомӯзӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақоми фанҳои таълимии ҳатмиро доро буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи самт (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯ ва салоҳиятҳои касбии хатмкунанда мебошад.

108.Таҷрибаомӯзӣ ба нақшаи таълимии фардии донишҷӯ ворид карда мешавад. Агар донишҷӯ талаботи ҳадди ақали қисми назариявии барномаҳои таълимии фанҳои базавии ҷиҳати иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ заруриро азхуд накарда бошад, он гоҳ барои гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ иҷозат дода намешавад.

109.Ҳаҷми меҳнатталабии ҳамаи шаклҳои таҷрибаомӯзӣ бо кредит ифода карда мешавад. Натиҷаи аз таҷрибаомӯзӣ гузаштани донишҷӯ тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ баҳогузорӣ шуда, ҳангоми муайян намудани холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 14.ТАРТИБИ ХОРИҶ, БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНТИҚОЛИ ДОНИШҶӮ

110.Донишҷӯе, ки дар як даври академӣ бесабаб дар ҳаҷми зиёда аз 36 соат ба дарсшиканӣ роҳ медиҳад, аз муассиаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

111.Донишҷӯе, ки аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос) аз се ва зиёда фанҳои таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) мегирад, аз сафи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад. Донишҷӯ баъд аз як даври академӣ (семестр) ҳуқуқи барқарор шуданро дорад.

112.Донишҷӯе, ки пас аз анҷоми триместр аз як ё ду фанҳои таълимӣ ва донишҷӯёне, ки аз яке аз қисмҳои фанҳои таълимии пайдарпайии

омӯзиши онҳо ҳатмӣ қарздор мемонад, аз сафи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

113.Донишҷӯ дар ҳолати аз як фанни таълимӣ (фанни барои ихтисоси ӯ асосӣ) се маротиба баҳои F(ғайриқаноатбахш) гирифтан, бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба ин самт (ихтисос) хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба дигар самт (ихтисос)-е, ки омӯзиши фанни мазкур тибқи талаботи нақшаи таълимии он асосӣ нест, барқарор шавад.

114.Донишҷӯе, ки холи умумии миёна (GPA)-и ӯ аз рӯи ҳамаи фанҳои таълимӣ баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои триместр аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 56-и Низомномаи мазкур муқarrаршуда паст мебошад, дар курсаш такроран монондa мешавад.

115.Донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ, танҳо баъд аз гузаштани як даври академӣ ҳуқуқи барқароршавӣ дорад. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, ҳангоми барқарор шудани ӯ пурра ба инобат гирифта мешаванд.

116.Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба ихтисос ва курси мувофиқ дар сурате барқарор шавад, ки пешталаботи барои ин курс ё ихтисос муқarrаршуда дар транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и ӯ дарҷ ёфта бошад;

117.Барқароркунии донишҷӯ дар як соли таҳсил дар ду давра то оғози даври академии навбатӣ сурат мегирад.

118.Дар мавриди барқароршавии донишҷӯ ба ин ё он курс ва ё гузаштан ба дигар ихтисос ҳаҷми кредитҳои фанҳои таълимие, ки аз рӯи онҳо қарзи академӣ ё фарқият месупорад, бояд аз 18 кредит зиёд набошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян намудани фарқият аз фанҳои интихобии нақшаҳои таълимии кории самт (ихтисос)-ҳо мустақил аст.

119.Маркази бақайдгирӣ ва машварат дар асоси транскрипти донишҷӯ курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

120.Тартиби интиқоли донишҷӯ дар дохили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аз як шакли таҳсил ба шакли дигар, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот) ва аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси талаботи «Низомномаи намунавии хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» сурат мегирад.

121.Донишҷӯе, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таҳсил мекунад, ҳуқуқ дорад, ки дар асоси озмун ба ҷои холии ихтисоси дигаре, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, интиқол ёбад. Дар ин сурат ӯ бояд тамоми давраи гузаштаи таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо хол (ё баҳо)-ҳои ба тафриқаҳои ифодаи ҳуруфии баҳоҳои «А» ва «В» баробар (эквивалент), ҷамъбаст карда бошад.

## 15.ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ

122.Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълимии фардии худ донишҷӯ уҳдадор аст, ки қоидаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷёфтаро риоя кунад:

-дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

-номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 60 кредит дар як соли таҳсил.

123.Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 60 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ азхуд намудани 60 кредит ва дар триместр - миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз муҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида, хатм намояд.

124.Донишҷӯи дар намуди пулакӣ таҳсилкунанда ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи имконият ва хоҳиши худ дар нақшаи таълимии фардӣ миқдори фанҳоро дар ҳаҷми аз 60 кредит камтар дарҷ намояд. Дар ин сурат муҳлати таҳсил намудани ӯ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба муҳлати таҳсиле, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқаррар гардидааст, зиёд мешавад.

125.Барои донишҷӯи дар намуди ройгон таҳсилкунанда кам кардан муҳлати таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бе пардохти маблағ ва зиёд кардани муҳлати таҳсил бо пардохти маблағ иҷозат дода мешавад.

126.Дар давраи таҳсил донишҷӯ уҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд.

## 16. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОМӮЗГОР

127. Дар доираи озодиҳои академие, ки татбиқи низоми кредитии таҳсилот барои омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамояд, омӯзгор новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ҳуқуқ дорад:

-бо салоҳдиди худ (дар доираи талаботи умумии муқарраршуда) шаклу услубҳои гуногуни иҷро, қабул ва холгузориро ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён, вобаста ба муҳимият ва сатҳи мураккабии мавзуъ (модул)-ҳои алоҳидаи фани омӯхташаванда, истифода барад;

-дар мувофиқа бо мудири кафедра ва Шӯрои илмӣ-методии садорати факултет таносуби шаклҳои мухталифи дарсҳои аудиторӣ (лексия, семинар, амалӣ ва лабараторӣ)-ро, вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни таълимии тадрисшаванда, муайян намояд;

-бо мақсади таъмини болоравии сифати таҳсилот, шаклу услубҳои нави интерактивии таълимро дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои илмӣ-методии факултет барои баррасӣ ва муҳокима пешниҳод намуда, зарурату самарабахшии татбиқи онҳоро исбот ва дифоъ намояд;

-ба донишҷӯён барои иштироки фаъол дар дарсҳо, маҳфилҳои фанӣ, иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои мустақилона (дар ҳудуди муқарраршуда) холҳои ҳавасмандӣ, ҳамчунин барои риоя накардани тартиботи дохилии муқарраршуда, дарсшикании бесабаб, халалдор

сохтани чараёни дарс, саривакт ичро накардани супоришҳои мустақилона ва ғайра, холҳои чаримавӣ гузоранд.

128. Дар доираи масъулиятҳое, ки тибқи шартномаҳои тарафайни байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯён муқаррар гардидаанд, омӯзгор уҳдадор аст:

-донишҷӯёнро бо силлабус, маҷмӯаи таълимию методӣ аз фанни омӯхташаванда (матни мухтасари лексияҳо, нақша ва услуби гузаронидани дарсҳои амалию лабараторӣ, супоришҳо барои кори мустақилона, маводи имтиҳонӣ), маводи фаъоли тақсимшаванда ва ғайра дар шакли чопӣ ё электронӣ таъмин намояд;

-дар барномаи корӣ (силлабуси)-и фан услуби гузаронидани дарсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, муҳосиба ва қабули супоришҳои мустақилонаи донишҷӯёнро бо нишон додани макону вақт, инчунин талаботи хешро нисбати донишҷӯён пурра дарҷ намуда, риояи онро таъмин намояд;

-раванди азхудкунии барномаи таълимии фанро аз ҷониби ҳар як донишҷӯ мунтазам назорат намояд;

-пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои рейтинги 1-ум хулосаҳои зарурӣ бароварда, дар раванди таълими фан тағйироти муфид ворид намояд;

-эродҳои дар натиҷаи иштирок ба дарси омӯзгор аз тарафи мудири кафедра, комиссияи Шӯрои илмӣ-методӣ, шӯъбаи идоракунии сифати таҳсилот гирифта ва дархости донишҷӯёнро ҷиҳати беҳдошти раванди таълим ба эътибор гирад ва баҳри болоравии сифати таълиму тарбия кӯшиш ба харҷ диҳад;

-сатҳи азхудкунии мавзӯъҳо, қисм (модул)-ҳои алоҳида ва умуман барномаи таълимии фанро аз ҷониби донишҷӯён амиқ муайян намуда, ба натиҷаи фаъолияти онҳо объективона ва беғаразона холгузорӣ намояд;

-сарбории қисми аввал (таълимӣ) ва қисми дуюм (таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилию тарбиявӣ)-и тасдиқшударо пурра иҷро намуда, аз натиҷааш дар охири ҳар нимсола ба мудири кафедра ҳисобот пешниҳод намояд;

-дар анҷоми ҳар як панҷсола аз курсҳои такмили ихтисос гузарад.

## 17.ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ

129.Ҳаҷми маблағи таҳсил, ки барои як соли таҳсил ба ҳар як донишҷӯ рост меояд, дар асоси харҷномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда шуда, аз арзиши аслии ташкили раванди таълим аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои алоҳида вобаста аст. Новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва пулакӣ) арзиши аслии 1 кредит ҳамчун ҳосили тақсими ҳаҷми маблағи таҳсили солона ба миқдори кредитҳои пешбинишуда, муайян ва бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тасдиқ карда мешавад.

130.Донишҷӯёни курси аввал маблағи солонаи таҳсилро пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул то 25 август пардохт менамоянд.

131.Донишҷӯёни курсҳои болоӣ маблағи таҳсили солонаро вобаста ба миқдори кредитҳое, ки дар нақшаҳои таълимии фардии онҳо нишон дода шудааст, дар ҳар як даври академӣ пардохт менамоянд.

132.Дар мавриди аз ин ё он фан баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан, донишҷӯ онро пас аз пардохти маблағи иловагӣ (вобаста ба миқдори кредитҳое, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и мазкур барои омӯзиши ин фан ҷудо шудааст) новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва ё пулакӣ) аз нав омӯхта, имтиҳон месупорад.

## 18.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

133.Иҷрои талаботи бандҳои Низомнома аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо, докторантон, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, роҳбарони қисмҳои таркибӣ ва воҳидҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

134.Дар мавриди риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур тибқи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳайти профессорону омӯзгорони кафедраҳо ва кормандони воҳидҳои сохтории марбути муассиаи таҳсилоти олии касбӣ ба муҷозот пешниҳод карда мешаванд.

135.Низомномаи мазкур баъди баррасӣ дар мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, дар асоси ба тасвиб расидани фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор қарор дода мешавад.

136.Низмономаи мазкур бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор ва ё ба он тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

Ҳайати гуруҳи корӣ:

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Одинаев Б.Н. - | муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари гуруҳ | |
| 2. | Сангинов Н.С. - | мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон | |
| 3. | Мақсудов А.Т. - | ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров | |
| 4. | Нарзуллоев М.С. - | муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | |
| 5. | Тошматов М.Н. - | муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | |
| 6. | Мақсудов Х.Т. - | муовини директор оид ба таълими Донишкадаи политехникии Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ | |
| 7. | Шерматов Б.Г. - | директори маркази бақайдгирӣ ва машваратииДонишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | |